«Тасдиқ мекунам»
Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
«___» августа 2026 с.
__________ Маҳмадбекзода М.Ш.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустралӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография**

## 1.Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда

Диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустрал-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.05.2026, таҳти №6 тасдиқ гардидааст, мавзуи диссертатасия пурра ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад. Мавзуи мазкур аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография омода карда шуда, ба бандҳои 1.Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ); 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

## 2.Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Танзими бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ як унсури калидии сиёсати иқтисодии давлатӣ ба

шумор меравад, ки дорои хусусияти мураккаб ва бисёрсамта мебошад. Он на танҳо танзими масоили марбут ба шуғли аҳолиро дар бар мегирад, балки бо равандҳои дигари иқтисодӣ, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ, зич алоқаманд аст. Дар ин замина, ташаккули низоми муассири танзими бозори меҳнат тақозо мекунад, ки механизми мукаммали идоракунии давлатӣ бо дарназардошти қонуниятҳои иқтисодӣ ва истифодаи абзорҳои мухталифи институтсионалӣ, танзимгарӣ ва барномавӣ амалӣ гардад. Истифодаи самараноки чунин механизм имкон медиҳад, ки сатҳи шуғли аҳолӣ ба таври устувор беҳтар гардида, дар қабули қарорҳои стратегӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ барои таъмини суботи бозори меҳнат ва коҳиши бекорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Дар сиёсати давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад. Бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи он қабули барномаҳои соҳавию минтақавӣ зарур аст.

Бо дарназардошти шароиту имкониятҳои минтақаи Хатлон ва хусусиятҳои хоси рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии он, бозори меҳнати минтақавиро бояд дар заминаи индустриалӣ-инноватсионӣ рушд дод. Ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ намудани малакаи мутахассисон, ҳалли мушкилоти номувозинатии бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва умуман, бозори меҳнат масъалаҳои асосии муносибатҳои низоми иқтисодӣ мебошанд. Вобаста ба ҳолатҳои ҷойдошта, яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар самти танзими бозори меҳнат татбиқи механизми мукаммали идоракунии он дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ маҳсуб меёбад.

Идоракунии бозори меҳнат дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ то кунун ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд, ки ҳолати мазкур барои рушди устувори бозори меҳнат монеа эҷод менамояд. Вобаста ба ин, таҳқиқи асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат бо мақсади дарёфти роҳу усулҳои алтернативии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ муҳим ва айни замон мубрам дониста мешавад.

Нуктаҳои зикршуда мубрам будани таҳқиқи механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ тасдиқ мекунад, аз ин рӯ, дар интихоби мавзуи таҳқиқот шубҳа вучуд надорад.

## 3.Навгониҳои илмӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар таҳия ва такмили асосҳои консептуалии танзими бозори меҳнат ифода меёбад, ки бо дарназардошти таъсири афзоишёбандаи равандҳои муҳоҷират дар вилояти Хатлон аҳамияти хосса пайдо мекунад. Таҳқиқот равишҳои нави илмӣ ва амалӣ барои такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустралӣ-инноватсионӣ пешниҳод менамояд, ки ҷавобгӯ ба шароит ва талаботи муосири иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Хатлон мебошанд. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмӣ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ошкор менамоянд инҳо мебошанд:

1. Аз ҷониби муаллиф асосҳои назриявии танзими давлатии бозори меҳнат дар асоси рушди консепсияҳои алоқаманди усулҳои давлатӣ ва бозории танзими он таҳқиқ шуда, мафҳуми нави сиёсати танзими давлатии бозори меҳнат ҳамчун маҷмуи тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бо истифодаи усулҳо ва воситаҳои муосири технологияи иттилоотӣ комуникатсионӣ алоқаманд буда, бо назардошти равандҳои муҳоҷират ба таъмини рушди муътадили бозори меҳнат, баландбардории дараҷаи шуғл ва некуаҳволии аҳолӣ равона шудааст, пешниҳод шудааст.

2. Муҳаққиқ дар асоси коркарди равишҳои методӣ оид ба таҳқиқи бозори меҳнат, хусусиятҳои амсилаи аврупоӣ, осиёӣ, амрикоӣ ва англо-саксионӣ ошкор кардааст. Дар ин қисмати навгонӣ ҷанбаҳои алоҳидаи амалигардонии таҷрибаи институтсионалии давлатҳои баррасишаванда ба сифати тадбирҳои иловагӣ дар соҳаи шуғл ҷудо карда шудаанд, ки ба пастшавии шиддатнокӣ дар бозори меҳнат оварда мерасонанд.

3. Муаллифи таҳқиқот самтҳои стратегии танзими давлатии бозори меҳнатро нисбат ба равандҳои расмикунонии бозори ғайрирасмии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии маҷмуи тадбирҳоро дар соҳаи шуғл тавассути мукаммалгардонии сиёсати андозбандӣ, баландбардории сифати низоми маориф, инчунин зарурати ҷорӣ намудани низоми дуалии таълимро муайяну ошкор кардааст. Ҳамзамон, механизми танзими шуғли ғайрирасмӣ дар асоси равишҳои нарм ва сахт нисбат ба шуғли ғарирасмӣ пешниҳод гардидаанд.

4. Тамоюлҳои муосири раванди муҳоҷирати аҳолӣ ошкор карда шуда, самтҳои он дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, механизми

иқтисодии самаранокии равандҳои муҳоҷират дар асоси баланд бардоштани такмили ихтисоси муҳоҷирон, такмили касбияти онҳо, модернизатсияи раванди таълим дар кишвар, баландбардории самаранокии фаъолияти агентиҳои давлтӣ, хадамоти шуғл ва муҳоҷират пешниҳод карда шудааст.

5. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, нақши рақамикунонӣ дар танзими бозори меҳнат ва дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ошкор гардида, истифодаи шаклҳои нави фаъолиятҳои меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва роҳҳои танзими онҳо асоснок карда шудааст.

6. Муаллиф равишҳои асосии такмили идоракунии равандҳои муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси баҳодиҳии иҷтимоӣ-иқтисодии оқибатҳои муҳоҷират, мақсаднок ҷойгирнамоии аҳолӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ, сиёсати танзими муҳоҷират, нақши он дар афзоиши некуаҳволии мардум ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, инчунин, таъмини музди кори арзанда муайян кардааст.

7. Муҳаққиқ амсилаи ягонаи таъмини вазъи мутавозини бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси коркарди механизми мутобиқати бозори меҳнат ва бозори таҳсилот дар раванди омодасозии қувваи корӣ ва рафъи номувозинатӣ дар бозори меҳнат пешниҳод кардааст.

**4.Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Моҳияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд мавзуи мубоҳисаи олимон ва таҳқиқгарон ҷиҳати рушди минбаъдаи назарияи танзими давлатӣ ва бозории бозори меҳнат, назарияи шуғл ва тараққиёти иқтисодиёт баромад намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар асосноккунии самтҳои афзалиятнок, вазифа ва тадбирҳо оид ба мукаммалгардонии усулҳои танзими давлатии бозори меҳнат ва ташкили шуғли фарогир саҳмгузор мебошанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаю пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия овардашуда, барои такмили механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон, бо роҳи ҷорӣ намудани онҳо дар барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ имкони истифодабарӣ доранд. Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия метавонанд аз ҷониби сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои барномаҳои Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 ва Стратегияи танзими равандҳои

муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 беҳтарсозии танзими раванди шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, афзоиши самаранокии бозори меҳнат бо назардошти коҳиши шуғли ғайрирасмӣ баланд бардоштани сифати қувваи корӣ, таъмини шароити мусоид барои шуғл дар доираи ҳавасмандгардонии шуғли фарогир мавриди истифода қарор гиранд.

Маводи таҳқиқотро, инчунин метавон дар раванди таълим ва бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва мутахассисон дар соҳаи меҳнат ва муҳоҷират, дар раванди таълим ҳангоми тадриси фанҳои «Бозори меҳнат», «Иқтисодиёти меҳнат», «Идоракунии кормандон», такмили ихтисоси кормандони соҳаи меҳнат ва шуғли ва амсоли онҳо истифода бурд.

**5.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия**

Асоси назариявӣ ва метододологии таҳқиқотро асарҳои олимони тоҷик ва хориҷи кишвар оиди таҳқиқоти илмии классикони илми иқтисодӣ ва намояндагони муосири он, таҳлили амиқи онҳо оид ба масъалаи ташаккулёбӣ, рушд ва мукаммалгардонии идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустралӣ-инноватсионӣ ташкил додаанд. Дар рафти таҳқиқот асарҳои иқтисодшиносони ватанӣ оид ба танзими бозори меҳнат, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳои илмӣ ва семинарҳо, Интернет-захираҳо, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Зимни ҳалли вазифаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ усулҳои зерин истифода бурда шудаанд: аз ҷумла усулҳои таҳаввулотӣ ва институтсионалӣ, усулҳои таҳлили таърихӣ ва мантиқӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, усулҳои таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ-оморӣ, усули системавӣ ва амсоли он истифода шудаанд. Истифодаи ин усулҳо имкон дод, ки мавқеи муносибатҳои меҳнатӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори меҳнати вилояти Хатлон, инчунин муайян намудани тамоюл, хусусиятҳои рушди он муайян карда шавад.

Ҳалли вазифаҳои гузошташудаи назариявӣ, методӣ ва амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионии иҷрошуда сатҳи кофии дараҷаи илмиро дорост. Муқаррароти асосии диссертатсия аз

тарафи муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда дарҷ гардидаанд.

**6.Саҳми шахси довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф мустақилона ба анҷом расонида шудаанд. Муҳаққиқ дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявию методӣ ва таҷрибаи ватанию хориҷӣ низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро омӯхта, роҳҳои такмили механизми идоракунии онро таҳия намудааст. Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмии худ овардааст.

**7.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Омӯзиши маълумоти мавҷуда нишон дод, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ва 4 мақолаи дигар дар маводҳои конференсияҳои сатҳи гуногун нашр гардидаанд. Ин нишон медиҳад, ки таълифоти муаллиф ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ комилан мутобиқ мебошад.

**8.Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқот**

Сохтори таҳқиқоти диссертатсионии Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустралӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», гузориши ҳадаф, вазифаҳо, объект, мавзуъ ва алоқамандии мантиқии онҳоро тасдиқ менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаву пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, рӯйхати сарчашмаҳои адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Диссертатсия 200 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, аз 26 ҷадвал, 15 расм, 3 диаграмма ва феҳристи адабиёти истифодашуда бо шумораи 177 адад иборат мебошад.

Дар муқадимаи таҳқиқот мубрамияти мавзӯъи рисолаи илмӣ, дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок карда шуда, объекту матлаби таҳқиқот асоснок кардани ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот матраҳ гардидаанд, асоснокунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии механизми

идоакунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустралӣ - инноватсиони нишон дода шуда ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ муайян ва асоснок карда шудаанд (саҳ 4-14)

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ»** таҳаввулоти назариявии бозори меҳнат таҳқиқ шуда, моҳияти идоракунии он муайян гардидааст, асосҳои методию хусусиятҳои идоракунии бозори меҳнат аз мавқеи такмилдиҳии он таҳқиқ карда шуда, шароиту имкониятҳои роҳандозии таҷрибаи хориҷии идоракунии бозори меҳнат дар вилояти Хатлон муайян ва ошкор гардидаанд. (саҳ 15-51)

**Дар боби дуюм – «Ҳолати муосири идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионии вилояти Хатлон»** вазъи кунунии бозори меҳнати вилояти Хатлон таҳқиқ гардида, тамоюлҳои рушди иҷтимоию иқтисодии он дар шароити норасоии ҷойҳои корӣ таҳлил карда шудааст ва омилҳои муайянкунандаи самаранокии фаъолияти бозори меҳнат муайян, ошкор ва арзёбӣ гардидаанд. (саҳ 70-103)

**Дар боби сеюм – «Такмили механизми танзим ва идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионии вилояти Хатлон»** такмили самтҳои алоҳидаи танзими давлатии бозори меҳнати вилоят ба роҳ монда шуда, заминаҳо ҷиҳати коркарди консепсияи бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ муайяну ошкор гардидаанд ва барои такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд. (саҳ 121-153)

Дар хулоса натиҷаҳои асосии диссертатсия, пешниҳодҳо ва тавсияҳо оиди истифодаи амалӣ оварда шудаанд. (саҳ. 171-179).

Маълумоти дар диссертатсия истифодашударо Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бозори меҳнат, барномаҳои давлатии рушди бозори меҳнат, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Портали миллии ҷойҳои кории холӣ ташкил медиҳанд.

Муаллиф дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявию методӣ ва таҷрибаи ватанию хориҷӣ низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро омӯхта, роҳҳои такмили механизми идоракунии онро таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмии муаллифи диссертатсия оварда шудаанд.

**9.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатасия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсия ба талаботи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография, талаботҳои омодасозӣ ва экспертизаи диссертатсияҳо дар Шурои диссертатсионӣ, инчунин, дигар талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.03.2023, №295 «Оид ба тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267», тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Довталаб диссертатсияро бо риояи меъёрҳои имлои забони тоҷикӣ, бо забони илмӣ омода намуда, мувофиқи дастурамал доир ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ таҳия кардааст.

Автореферати диссертатсияи Шералии Сайдалӣ тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асосноккардашуда шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10.Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Аз мазмуну муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшуда бармеояд, ки тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшуда 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Шералии Сайдалӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267, тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона омода гардидааст, мазмуну моҳият ва мантиқи таҳқиқот дорои услуби илмӣ мебошад. Эътимодноки навгониҳо, дурустии вазифаҳои гузошташуда, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ва мақолаҳои илмии нашркардаи муаллиф саҳми шахсии муҳаққиқро инъикос менамоянд. Хулоса, диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар

шароити иқтисодиёти индустралӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи таҳияи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография ва дигар талаботи муқарррарнамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мебошад.

Натиҷаҳои алоҳидаи илмии хусусияти навгонидоштаи довталаб, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардааст, ба талаботҳои додни дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мутобиқат менамояд.

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодиро ҳамчун муҳаққиқи кордон тавсиф намуда, нуқтасанҷӣ, малакаҳои зарурии таҳлилӣ ва масъулиятшиносии ӯ ҷиҳати иҷрои таҳқиқоти комили илмӣ шоёни таҳсин аст. Шералии Сайдалӣ қобилияти баланди фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ дошта, вай метавонад ба таври мустақилона мавзуъҳои мубрамро интихоб намояд, ҷиҳати иҷрои таҳқиқот ҳадафгузорӣ намуда, вазифаҳои иҷрошавандаро мушаххас кунад, объекту предмети омӯхташавандаро муайян намуда, равишҳои методологии таҳқиқотро интихоб ва истифода намояд.

## 11.Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаби диссертатсия

Новобаста аз он ки ҷанбаҳои мусбии таҳқиқоти дссертатсионии тақризшавандаро зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1. Дар боби якум «Асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ» масъалаҳои назариявӣ ва амалии мубрами он вобаста иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ ба мукаммалгардонии танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити таъсиррасон будани он ба некуаҳволии аҳолии вилояти Хатлон дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудаанд.

2. Хуб мешуд, агар дар боби 3-юми кори диссертатсионӣ механизми танзими бозори меҳнат нишон дода мешуд, чунки он ба рушди шуғли аҳолии вилояти Хатлон мусоидат менамояд.

3. Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар муаллиф дар боби 2-юми рисолаи илмӣ барои таҳлил маълумоти омории 5 ва ё 10 соли охирро истифода мебурд.

4. Дар боби 3-юми таҳқиқоти диссертатсионӣ унсурҳои амиқи танзими бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо низоми иқтисодиёти индустриалӣ-нноватсионӣ оварда нашудааст.

5. Хуб мешуд, агар муаллиф дар кори диссертатсиони хуҷатҳои давлатӣ , аз ҷумла, Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 – ро истифода мебурд.

6. Таркиби матни диссертатсия дорои баъзе ғалатҳои техникӣ ва услубӣ низ мебошад.

Таъкид кардан зарур аст, ки норасоиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дараҷаи мусбии диссертатсияро паст намекунанд.

**12.Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Хулоса, диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустралӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом дода шуда, аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ба талаботи амалкунанда мутобиқ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустралӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография пешниҳод гардидааст, рисолаи илмии анҷомёфта буда, тавсифи илмию амалӣ дорад ва муаллифи он Шералии Сайдалӣ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст. Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, Раимдодов У.С., омода гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи Шурои илмии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (суратҷаласаи№ 2 аз « 08 » 07 2026). Дар ҷаласа 14 нафар аъзоёни Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ иштирок доштанд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

Иштирок доштанд – 14-нафар.

Ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд – 14-нафар.

«Тарафдор» – 14-нафар.

«Зид» –нест.

«Бетараф» – нест.

**Раисикунандаи ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири шуъбаи равандҳои
муҳоҷирати аҳолии Муассисаи
давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»- и
Вазорати меҳнат муҳоҷират ва
шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раимдодов У.С.

Котиби илмӣ: Ҳамдамова Н.У.

Имзоҳои Раимдодов У.С. ва Ҳамдамова Н.У. -ро тасдиқ мекунам.

Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои
Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»- и
Вазорати меҳнат муҳоҷират ва
шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷонмаҳмадов Ф.